# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба диссертатсияи номзадии Ҳайдарова Бисаноат Умаровна дар мавзӯи "Анъанаҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ

Асри XVIII- и адабиёти тоҷик ҳам аз назари воқеаҳои сиёсӣ, ҳам аз назари таърих ва таҳаввулоти адабӣ як давраи хос маҳсуб мешавад, ки бо вуҷуди мавриди омӯзиши олимону муаррихон, адабиётшиносону забоншиносон қарор гирифтани он ҳанӯз саҳифаҳои норавшан ва ноомӯхтаи худро дорост.

Таҳқиқи марҳалаҳои таърихии ин давраи адабиёт, муайян намудани осори адабии суханварон, барқарор намудани тарҷумаи ҳоли онҳо, муайян намудани хусусиятҳои осори адабӣ, падидаҳои ҳунарӣ, таъйини ҷойгоҳи ашъори иҷтимоӣ, сабку услуби суханварон ва монанди инҳо ба муҳаққиқ имкон додааст, ки манзараи умумии адабиёти ин даврро то андозае пеши назар ҷилва диҳад. Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ низ аз қабили адибони соҳибқалам ва боистеъдодест, ки зиндагиву фаъолияташ ба ҳамин давраи на чандон мукаммал омӯхташуда рост меояд. Омӯзиши осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз назари мавзӯву мундариҷа, сабку услуб ва падидаҳои ҳунарӣ имкон фароҳам оварда аст, ки на танҳо боз як нафар суханвар муаррифӣ гардад, балки барои мушаххас намудани равандҳои адабӣ, тамоюлҳо, падидаҳо ва дастовардҳои адибони Мовароуннаҳр такони ҷиддие хоҳад буд. Тавассути омӯзиш, таҳлилу баррасии осори Шӯхӣ метавон ба хулосаҳои ҷадиди илмӣ оид ба адабиёти асри мазкур расид.

Ҳайдарова Б.У. дар диссертатсия равишҳои гуногуни муқоисавию таҳлилӣ ва тавсифиву омориро истифода кардааст, ки аз дониши хуби назариявии ӯ шаҳодат медиҳад.

Қобили зикр аст, ки муҳаққиқ дар таълифи диссертатсия пеш аз ҳама ба сарчашмаҳои адабию таърихӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, нусхаҳои

хаттии девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ, аз ҷумла, нусхаҳои хаттии шумораи 863/II [34] ва 2313 [33] Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, "Мунтахаби ғазалиёт"- и Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар таҳияи Баҳром Раҳматов [35] мавриди истифода қарор додааст. Дар диссертатсия маълумоти сарчашмаҳои адабӣ, аз қабили "Тухфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб"-и Возеҳи Бухороӣ, "Тазкират-уш-шуаро"-и Неъматуллоҳи Муҳтарам, "Тазкират-уш-шуаро"-и Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ, "Тазкират-уш-шуаро"-и Садри Зиё, "Тазкират-уш-шуаро"-и Сиддиқхони Ҳашмат дар бораи аҳволу осори шоир баррасӣ гардида, аз онҳо барои барқарор кардани шарҳи ҳоли ӯ дуруст истифода шудааст.

Дар диссертатсия бори нахуст мероси адабии шоири асри XVIII Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар ривоҷи адабиёти форсии тоҷикӣ дар ин давра нишон дода шудааст. Сабку услуб ва ҳунари шоирии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ бар мабнои ғазалиёти шоир таҳқиқу баррасӣ гардида, ҳамчунин навъҳои маъмули адабӣ дар эҷодиёти шоир, вазну қофия, радиф, мухтассоти сабк ва санъатҳои бадеии ашъори ӯ муайян ва мушаххас карда шудааст, ки дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал сурат мегирад. Бисёр ҳолатҳо ва нодурустиҳои ашъори шоир, ки дар таҳқиқоти пешин ба назар мерасид, бартараф карда шуданд.

Дар диссертатсия ҳамчунин осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ бо осори шоирони пешин муқоиса гардида, таъсирпазирии ӯ аз шоирони маъруфи гузашта бо далелҳои зиёд ба субут расонида шудааст.

Диссертатсияи мазкур барои мураттаб кардани матни илмию интиқодии осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ низ метавонад мусоидат намояд. Барои ин бояд нусхаҳои дигари осори шоир, ки дар китобхонаҳои гуногуни олам маҳфузанд, мавриди истифода қарор дода шавад.

Диссертатсияи Ҳайдарова Б.У. дорои арзиши баланд буда, маводи он метавонад чун сарчашма барои таълифи таърихи адабиёти тоҷик дар асрҳои миёна истифода бурда шавад. Ҳамчунин маводи мазкурро барои

лексияву семинарҳои таърихи адабиёт дар донишгоҳҳо метавон мавриди истифода қарор дод.

Ҳайдарова Б.У. дар диссертатсия вазифаи дар пеш гузоштаашро ҳал намуда, мавқеи Мирзо Шӯхии Хуҷандиро дар таърихи адабиёти давр дуруст муайян кардааст.

Диссертатсияи мазкур асари монографӣ дар бораи як намояндаи барҷастаи адабиёти асри XVIII буда, мақолаҳои нашркардаи муаллиф масъалаҳои асосии мундариҷаи диссертатсияи муҳаққиқро дар бар мегирад ва диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ пурра ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, диссертатсияи Ҳайдарова Б.У. "Анъанаҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ"-ро барои дифоъ пешниҳод кардан мумкин аст.

Сарходими илмии Институти
Осиё ва Аврупои АМИТ,
узви вобастаи АМИТ Мирзо Муллоаҳмад

Имзои Мирзо Муллоаҳмадро тасдиқ мекунам,
нозири калони кадри Институт Одинаев А.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО